**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Хушвахтзода Қ.Х.**
**_____________________________**
**«03» _______________ соли 2021**

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Гулов Парвиз Холмуродович дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии моликияти умумӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»дар кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Гулов Парвиз Холмуродович унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Соли 2007 факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм кардааст.

Маълумотнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз санаи 26-уми ноябри соли 2020, тахти № 4104 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Рохбари илмӣ – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тағойназаров Шариф Тағойназарович.

**Дар натиҷаи муҳокима хулосаи зерин қабул карда шуд:**

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки** дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) баъди рушди иқтисоди бозаргонӣ, мавзӯи танзими ҳуқуқи гражданӣ инкишоф дода шуд, ки яке аз мақсадҳои он ҳимояи муносибатҳои ҳуқуқи моликият мебошад. Донистан ва дуруст татбиқ кардани қонунгузории гражданӣ омили асосии рушди бахши ҳуқуқи моликият ва ташаккули муносибатҳои бозаргонӣ буда, зарурати танзими босубот ва самараноки қонунгузории муносибатҳои моликиятиро ба миён меоварад.

Дар ҷараёни равандҳои муосири таҳаввул муносибатҳои моликият ва бахусус моликияти умумӣ зери таъсири тағйироти асосҳои истеҳсолӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар асосҳои ҷомеа дигаргун

мешаванд ва ин дар навбати худ заминаи ташаккули низоми ҷамъиятии навро фароҳам месозад. Моликияти бисёрсубъект вуҷуд дорад ва ин на танҳо сохтори дохилии субъектони моликиятро васеъ ва мураккаб мекунад, балки маънои ташаккули қишрҳои нави иҷтимоиро мувофиқ ба мавқеи ишғолкарда (вазифаҳои иҷрошаванда)-и онҳо дар муносибатҳои моликият дорад.

Дар натиҷаи ин давлат барои ҳуқуқи моликият маҳдудиятҳоро ҷорӣ менамояд, доираи ҳуқуқҳои маҳдуди ашёиро васеъ мекунад, ки ин ба ғайримоликон имкон медиҳад то аз амволи ғайр ба манфиати худ ва мақсаднок истифода кунанд. Дар баробари ниҳодҳои мазкур, ба сифати яке аз шаклҳои қонеъгардонии пурраи талаботи якчанд шахс дар теъдоди маҳдуди амвол моликияти умумӣ баромад мекунад.

Такмили Кодекси граждании ҶТ (минбаъд – КГ ҶТ) умуман ба чандин омил вобастагӣ дорад, ки моро вазифадор мекунад дар бартарафсозии баъзе ихтилофу нуқсонҳо дар он бетараф набошем. Пеш аз ҳама раванди тезутунди рушду ҷаҳонишавии муносибатҳои гражданӣ, инчунин қабул шудани қонунҳои амалкунанда ва КГ ҶТ, аз ҷумла номукаммалии забонӣ, мазмун ва мундариҷаи он боиси мушкилот ҳангоми татбиқи он мегарданд. Ҳар як кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд - ИДМ) дар таҳияи Консепсияи рушди қонунгузории граждании кишвари худ кор мекунад. ҶТ ҳам набояд дар канор монад, зеро қисми асосии аҳдҳо дар бозор маҳз тавассути меъёрҳои КГ ҶТ танзим мешавад. Дар ин самт Консепсияи рушди қонунгузории ҶТ, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 19 феврали соли 2011, таҳти № 1021 тасдиқ гардидааст ва Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи рушдиояндаи қонунгузории ҶТ дар соҳаи қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ барои солҳои 2012–2015, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 марти соли 2012, таҳти № 96 тасдиқ гардидааст. Вобаста ба ин санадҳои мазкур моро вазифадор мекунанд, ки меъёрҳои КГ ҶТ - ро такмил дода, мувофиқати онҳоро ба талаботҳои сиёсати ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи инсон таъмин намоем.

Ҳуқуқи гражданӣ соҳаи мураккабу васеи ҳуқуқ мебошад. Масъалаҳои моликият ба масъалаҳои асоситарин мансуб буда, аҳамияташон дар назарияи ҳуқуқи гражданӣ ҳеҷ гоҳ кам намешавад. Имрӯз, вақте ки дар назди ҳуқуқи гражданӣ вазифаи такмили қонунгузории гражданӣ ва ислоҳоти минбаъдаи он меистад, он бе ҳалли масъалаҳои муҳимтарини моликият ғайриимкон аст.

Проблемаи асосии таҳқиқи назариявии моликияти умумӣ, пеш аз ҳама дар он аст, ки моликият одатан идомаи иродаи шахс дар молу мулки «худ» мебошад. Роҳи ягонаи ҳалли мушкилӣ дар шароите, ки

мансубияти якҷояи мол мулк ба якчанд субъект ҷой дорад, ин баромад кардани чандин субъект ба ҳайси соҳибмулки ягона дар муносибат бо шахсони сеюм мебошад, ки масъалаҳои бисёри назариявӣ ва амалиеро ба вуҷуд меорад, ки то ҳол ҳал карда нашудаанд. Зимнан бояд гуфт, ки моликияти умумӣ ҳанӯз дар ҳуқуқи римӣ маълум буд ва масъалаҳои марбут ба он чандин бор аз ҷониби ҳуқуқшиносони хориҷию ватанӣ таҳқиқ карда шудаанд. Аммо мушкилии масъала ва мураккабшавии муносибатҳои ҷамъиятӣ таҳқиқи проблемаҳои моликияти умумиро дар заминаи маводи нави позитивӣ, бо дарназардошти муносибатҳои тағйирёбандаи азхудкунӣ ва тақсими неъматҳои иқтисодӣ зарурӣ мегардонад.

Моликияти умумӣ бо муайян кардани саҳм (моликияти ҳиссавӣ) ва бе муайян кардани саҳм (моликияти якҷоя) метавонад бошад. Мутаносибан ҳуқуқи моликияти умумии ҳиссагӣ ва ҳуқуқи моликияти умумии якҷояро аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Муносибатҳои моликияти умумии якҷоя танҳо дар ҳолатҳои пешнбининамудаи қонун ҷой дошта метавонанд. Саҳми иштирокчии моликияти умумӣ дар молу мулки умумӣ пешакӣ муайян карда намшудааст. Он ҳангоми тақсими моликияти умумӣ дар байни иштирокчиёни моликияти умумӣ, инчунин ҳангоми ҷудо кардани саҳми яке аз онҳо муайян карда мешавад. Моликияти умумӣ ҳиссагӣ номида мешавад, агар ба ҳар иштирокчии он саҳми муайяне, ки одатан дар намуди касри арифметикӣ (саҳми идеалӣ) ифода мегардад, тааллуқ дошта бошад. Агар дар қонун, шартнома ё санади дигар, ки дар асоси он моликияти умумӣ муқаррар мешавад, саҳми ҳар яке аз соҳибмулкон муайян нашуда бошад, пас саҳмҳи онҳо баробар ба ҳисоб мераванд. Соҳибият ва истифодаи молу мулки умумии ҳиссагӣ бо созиш (мувофиқа)-и ҳамаи соҳибмулкон амалӣ мешавад, дар сурати ба созиш наомадан баҳсро суд ҳаллу фасл мекунад.

Вазъи ҳозираи рушди соҳаи иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоии фаъолияти ҷомеа аз зарурати тағйирдиҳии пайдарпай ва комплексии низоми муносибатҳои иқтисодӣ, аз ҷумла, муносибатҳои моликияти умумӣ шаҳодат медиҳад ва ин мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсиониро собит менамояд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро** корҳои илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ дар бахши ҳуқуқи граждании, аз қабили В.К. Андреева, Г.А. Аксененок, К.Н. Анненков, Л.В. Андреева, М.В. Антоколская, В.В. Безбах, С.Н. Братус, А.В. Венедиктов, В.В. Витрянский, В.В. Ершов, О.С. Иоффе, Н.Н. Мисник, А.М. Нечаев, Е.А. Суханов, А.А. Рубанов, Ю.К. Толстой, А.П. Фоков, Е.А.

Чефранова ва дигарон. Инчунин корҳои илмии олимони шинохтаи ватанӣ, аз қабили В.А. Ойгензихт, О.У. Усмонов, М.А. Маҳмудзода, Ш.Т. Тағойназаров, Ш.М. Исмаилов, Ш.К. Ғаюров, Н.Ш. Шонасурдинов, М.З. Раҳимзода, Ҷ.С. Муртазозода, Ш.К. Каримзода, Қ. Ш. Қурбонов, Х. Ҳиматов, Ф.С. Сулаймонов ва дигарон такя кардааст. Инчунин, амалияи судӣ дар масъалаҳои ба даст овардан, тақсим кардани ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи моликияти умумӣ ташкил доданд.

**Навоварии илмии тахкикоти диссертатсионӣ** аз он иборат аст, ки кори илмии мазкур таҳқиқоти маҷмӯии монографӣ оид ба проблемаҳои ҳуқуқи моликияти умумӣ дар ҶТ мебошад, ки дар доираи равиши консептуалӣ мафҳуми ҳуқуқи моликияти умумӣ, хусусияти пайдоиши он, таркиби объект ва субъектони муносибатҳои ҳуқуқии моликияти умумӣ, мазмуни ҳуқуқи моликияти умумӣ, асосҳо ва тартиби ҳимояи ҳуқуқҳои мазкур муайян карда шудаанд. Муаллиф пешниҳодҳои оид ба хусусиятҳои танзими ҳуқуқии моликияти умумиро дар қонунгузории граждании миллӣ таҳия кардааст.

**Аҳамияти илмии** таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаву пешниҳодҳои таҳиякардаи муаллифи рисола имконияти такмилдиҳии назарияи ҳуқуқи гражданиро муҳайё мекунанд ва метавонанд барои такмили қонунгузорӣ, инчунин дар таҳқиқоти баъдинаи илмӣ дар соҳаи мазкур ва гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода бурда шаванд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз ин иборат аст, ки натиҷаҳои дар ҷараёни кори таҳқиқотӣ бадастомада ва хулосаву пешниҳодоти бар он асосёфтаро бевосита барои танзими аниқи ҳуқуқии муносибатҳои моликияти умумӣ, инчунин барои афзудани самаранокии истифодабарии меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ дар фаъолияти татбиқи ҳуқуқ истифода метавон бурд. Бинобар ин, имрӯзҳо дар сатҳи диссертатсионӣ таҳлили танзими ҳуқуқии моликияти умумӣ дар ҶТ мубрам арзёбӣ мегардад.

**Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот.** Бо такя ба муҳимияти мавзӯи зикршуда ҷорӣ кардани донишҳои илмӣ ба танзими ҳуқуқии моликияти умумӣ дар ҶТ дар рафти омӯзиши маҷмӯи ҷиҳатҳои асосии назариявӣ ва амалӣ мақсади тадқиқоти рисолавӣ мебошад.

Мақсади тадқиқот зарурати гузориш ва кӯшиши ҳалли масоили зеринро муайян намуд, ки он ба: муайян кардани мафҳум ва мазмуни моликияти умумии шаҳрвандон, ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ, дар КГ ҶТ; таснифи асосҳои ба даст овардани ҳуқуқи моликияти умумӣ, ҳуқуқи моликияти умумии ҳиссагӣ ва ҳуқуқи моликияти умумии ҳамсарон; ифшо кардани нуқсону камбудиҳо дар муносибати ҳуқуқии

ҳуқуқи моликияти умумии шаҳрвандон дар қонунгузории амалкунанди ҶТ, инчунин коркарди тавсияҳои илман асоснокшуда оид ба такмили қонунгузории граждании дар мавриди муносибати ҳуқуқи моликияти умумии шаҳрвандон; ошкор намудани камбудиву нуқсонҳои ҳимояи моликияти умумии ҳиссагӣ дар қонунгузории ҶТ, инчунин коркарди тавсияҳои илман асоснокшуда оид ба такмили қонунгузории гражданӣ дар мавриди муносибати ҳуқуқи моликияти умумии ҳиссагии шаҳрвандон; ошкор намудани камбудиву нуқсонҳои ҳуқуқи моликияти умумии якҷояи зану шавҳар (ҳамсарон) дар қонунгузории ҶТ, инчунин коркарди тавсияҳои илман асоснокшуда оид ба такмили қонунгузории гражданӣ дар мавриди муносибати ҳуқуқи моликияти умумии якҷояи ҳамсарон.

**Объекти тадқиқот** танзими ҳуқуқии моликияти умумӣ аз мавқеи доктринаи ҳуқуқи муосири хусусӣ ва санадҳои амалкунандаи меъёрию ҳуқуқии ҳам ҶТ ва ҳам давлатҳои дигар мебошад.

**Мавзӯи тадқиқот** санадҳои меъёри-ҳуқуқии ҶТ, давлатҳои хориҷӣ, таҷрибаи судӣ, инчунин дастовардҳои илмӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқии моликияти умумӣ дар ҶТ мебошанд.

**Асоси методологии тадқиқот**. Ҳангоми ҳалли масъалаҳои гузошташуда, барои ноил гаштан ба мақсади тадқиқоти рисолавӣ асоси методологии корро методҳои муосири идрок, ки онҳоро илм ошкор кардаасту дар таҷриба санҷидааст, методи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва методи системавӣ ташкил намудаанд. Дар ҷараёни тадқиқот методҳои интегралӣ ва муқоисавии таҳлили натиҷаҳои тадқиқот, ки аз рӯи масоили мушобеҳ аз ҷониби муаллифони дигар гузаронида шудааст,ташкил менамоянд.

**Асоси назариявии тадқиқоти диссертатсионӣ.** Асоси назариявии ин тадқиқотро осори илмии олимон-мутахассисони соҳаи хуқуқи гражданӣ ташкил медиҳанд. Ҳангоми таҳқиқи ин кор осори олимони хориҷӣ ва ватанӣ ба таври васеъ истифода бурда шуд. Дар кор ба асарҳои илмӣ диққати махсус дода шуд.

Дар ҷараёни тадқиқоти илмӣ муаллифи диссертатсия ба асосҳои назариявии танзими ҳуқуқии моликияти умумӣ дар ҶТ ба таври амиқ мавриди омӯзиш қарор дод. Дар баробари ин, аз ҷониби муаллиф тавсияҳои дорои хусусияти назариявӣ ва амалӣ барои такмили қонунгузории ҶТ оид ба моликияти умумӣ коркард гардид. Навгонии таҳқиқоти илмӣ бо нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда исбот шудааст.

Хулоса ва пешниҳодҳои диссертатсия асоснок ва бо далелҳои

муътамад ва умуми эътирофшудаи илми ҳуқуқшиносӣ исбот шудаанд, бо воқеиятҳои таърихӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ва дигар давлатҳо-иштирокчии ИДМ устувор гардидаанд. Онҳо дорои арзиши илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Диссертатсия ба ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ мувофиқат мекунад.

Хулосаҳои асосии илмӣ ва пешниҳодҳои унвонҷуй дар ҳаҷми умумии 2, 25 ҷузъи чопӣ, дар 8 макола инъикос шудааст, 6 макола аз ин теъдод дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ, инчунин дигар мақолахои илмие, ки дар дигар интишороти илмӣ чоп шудаанд:

Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба чоп расонида шудаанд:

**1.** Холмуродзода, П. Х. К вопросу о понятии права общей совместной собственности // Вестник ТНУ (научный журнал). – Сер. социально – экономических и общественных наук. – Душанбе: «Сино», 2016. – № 2/6 (210). – С. 249–253.

2. Холмуродзода, П. Х. Основания и способы возникновения права общей долевой собственности // Вестник ТНУ (научный журнал). – Сер. социально – экономических и общественных наук. – Душанбе: «Сино», 2016. – № 2/1 (193). – С. 218–222.

**3.** Холмуродзода, П. Х. К вопросу о понятие права общей собственности // Вестник ТНУ (научный журнал). – Сер. социально – экономических и общественных наук. – Душанбе: «Сино», 2016. – № 2/2 (197). – С. 194 – 198.

**4.** Холмуродзода, П. Х. К вопросу о понятии общей долевой собственности // Вестник ТНУ (научный журнал). – Сер. социально – экономических и общественных наук. – Душанбе: «Сино», 2016. – № 2/5 (207). – С. 201–206.

**5.** Холмуродзода, П. Х. Особенности правово регулирования общей собственности в гражданском законодательстве Республики Таджикистан // Вестник ТНУ (научный журнал). – Сер. социально –

экономических и общественных наук. – Душанбе: «Сино», 2017. – № 2/2. – С. 250–252.

**6.** Холмуродзода, П. Х. Баъзе аз масъалаҳои ҳуқуқи моликияти умумӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми ДМТ (маҷаллаи илмӣ). – Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷомеашиносӣ. – Душанбе: «Сино», 2020. – № 1. – С. 198–201.

**Мақолахои илмие, ки дар дигар интишороти илмӣ чоп шудаанд:**

**7.** Холмуродзода, П.Х. Такмили меъёрҳои мурофиавии граждании дар заминаи ислохоти судӣ–ҳуқуқӣ // Развитие судебного права, уголовного и правоохранительной деятельности в Республике Таджикистан // Матер. респ. научно–практ. конф., г. Душанбе, 22 октября 2015 г. – Душанбе, 2015. – С. 275–283. – Дар ҳаммуаллифӣ бо Курбонов А.А.

**8.** Холмуродзода, П.Х. Таносуби ҳуқуку озодиҳои сиёсии шаҳрвандон бо дигар ҳуқуку озодиҳои конститутсионии онхо // Вестник Конституционного суда Республики Таджикистан. – 2014. – № 2. – С. 20 – 24. – Дар ҳаммуаллифӣ бо Гулзорова М.М.

Маводи чопшуда мазмун ва муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос менамоянд.

Асарҳои интишоршуда пурра маҳсули фаъолияти эҷодии унвонҷуӣ мебошанд. Унвонҷуӣ мавзуи илмии худро аз соли 2011 оғоз намуда, барои хосилшудани донишҳои нав, ошкоро баённамудани мушкилоти моликияти умумиро ва пешниҳоди таклифҳо ҷиҳати такмил ва коркарди танзими ҳуқуқии моликияти умумӣ захмат кашидааст.

Диссертатсия ба ихтисоси илмии 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пурра мутобиқат дорад.

Диссертатсияи Гулов Парвиз Холмуродович дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии моликияти умумӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» диссертатсияи илмии анҷомёфта буда, ба талаботҳои б. 10,11,12,14 ва 16-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

Диссертатсияи Гулов Парвиз Холмуродович дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии моликияти умумӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҳимоя баҳри дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мувофиқи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ тавсия дода мешавад ва мумкин аст, ки дар сомонаи расмии ДМТ дар шабакаи иттилоотӣ - коммунакатсионии «Интернет» ҷойгир карда шавад.

Хулосаи мазкур, баъд аз якчанд муҳокимаҳо, дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ қабул гардид. Дар он 17 нафар аъзоёни кафедра иштирок доштанд. Дар асоси пешниҳоди устодони кафедра масъалаи ба ҳимоя тавсия намудани диссертатсияи Гулов Парвиз Холмуродович дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии моликияти умумӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҳимоя баҳри дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мувофиқи ихтисоси 12.00. 03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба овоздиҳӣ монда шуд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ чунин аст: «тарафдор» - 17 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест (суратҷаласаи таҳти № 7 аз 31 - уми январи соли 2021).

**Мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор:** **Ғаюров Ш.К.**

**Котибаи ҷаласа, ассистенти кафедра:** **Султонова Д.Ш.**

**Имзоҳои Ғаюров Ш. К. ва Султонова Д. Ш.- ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори РК ва КМ ДМТ:** **Тавқиев Э. Ш.**